**Суратҷаласаи №20-и**

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – (10.01.09 – Фолклоршиносӣ)

аз 28 майи соли 2024

**Иштирок доштанд:**
аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 12 нафар,
аз рӯйи ихтисос 4 нафар

28 майи соли 2024, соати $13^{30}$ дар толори шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 баргузор гардид. Вақти анҷоми маҷлис: $16^{00}$.

**Раиси маҷлис:** доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

**Котиби илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.

**РӮЗНОМА:**

Ҳимояи диссертатсияи **Самиева Нисо Шарбатовна** дар мавзуи «Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ).

Гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, Шарифзода Ф. шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир** мебошад.

**Муқarrизони расмӣ**:

1. **Давлатбеков Лоло Мирзоевич** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

2. Аминов Абдулфатоҳ Ҳакимович номзади илмҳои филологӣ, директори муассисаи давлатии "Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот" - и Вазорати фарҳанги ҶТ;

**Муассисаи пешбар** – МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав".

Котиби илмии шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Гузориши Самиева Нисо Шарбатовна оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ шунида шуд.

Диссертант ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои филологӣ – Раҳматуллозода С., Қурбонзода Р., Мақсудов Б. ва Охониёзов В. ҷавоб дод.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир** тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби илмии шуро матни тақризи муассисаи пешбар – МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда ҷавоб дод.

Гузориши муқарризони расмӣ – **Давлатбеков Лоло Мирзоевич** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва **Аминов Абдулфатоҳ Ҳакимович** номзади илмҳои филологӣ, директори муассисаи давлатии "Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот"-и Вазорати фарҳанги ҶТ шунида шуд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Докторони илмҳои филологӣ Раҳмонов Р., Охониёзов В., Қурбонзода Р. ва Мақсудов Б. ба ҳайси муқаррризи ғайрирасмӣ баромад карда, диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ интихоб гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – докторони илмҳои филологӣ Мақсудов Б., Қурбонзода Р. ва Раҳматуллозода С. интихоб гардиданд.

Аз 15 нафар узви шуро 12 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 4 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор –12 нафар, муқобил – нест , бетараф – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Самиева Нисо Шарбатовна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

## ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

**аз 28.05.2024** **ш. Душанбе**

Гузориши **Самиева Нисо Шарбатовна** дар мавзуи «Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ), тақризи муассисаи пешбар – МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”, гузориши муқарризони расмӣ – **Давлатбеков Лоло Мирзоевич** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, **Аминов Абдулфатоҳ Ҳакимович** номзади илмҳои филологӣ, директори муассисаи давлатии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги ҶТ, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Раҳмонов Р., Охониёзов В., Қурбонзода Р. ва Мақсудов Б. шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар

бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Самиева Нисо Шарбатовна**

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи «Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ) ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Самиева Нисо Шарбатовна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ) дода шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Самиева Нисо Шарбатовна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 12 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.

28.05.2024